ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба тадқиқи диссертатсионии Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мавзуи тадқиқот аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ хеле мубрам мебошад, зеро қутоспарварӣ яке аз самтҳои муҳими чорводории ноҳияҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши назаррас дорад.

Бо вуҷуди аҳаммияти иқтисодии соҳа, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, бахусус брутселлёз, ба рушди устувори он монеа эҷод мекунад. Ин беморӣ боиси вайроншавии функсияи репродуктивии ҳайвонот, коҳиши саршумор, исқоти ҳамл, таваллуди насли ғайри қобили ҳаёт ва талафоти ҷиддии иқтисодӣ мегардад, ки дар натиҷа самаранокии парвариши қутосҳо коҳиш ёфта, ҳатто ба забҳи маҷбурии онҳо оварда мерасонад.

Вазъи эпизоотию эпидемиологии брутселлёз дар кишвар то ҳол мураккаб боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, тадқиқоти илмии мавҷуда ба такмил додани усулҳои ташхис, пешгирӣ ва муборизаи самаранок бо ин беморӣ равона шудаанд. Дар ин замина, омӯзиши омилҳои паҳншавии брутселлёз дар байни ҳайвонот ва аҳолии ВМКБ, инчунин муайян намудани нақши қӯтосҳо дар занҷири эпидемиологӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович соли 1983 факултети ветеринарии Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро бо ихтисоси духтури ветеринарӣ бо дипломи маълумоти олӣ хатм кардааст.

Баъди хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун фелдшери ветеринарӣ дар совхози «40-солагии Тоҷикистон»-и ноҳияи Ғарм (Рашт) оғоз намуда, сипас дар Стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвоноти ноҳияи Ғарм (Рашт) ба ҳайси мудири қитъаи байтории Тагоба фаъолият намуда, дар вазифаи сардори Шуъбаи литсензионӣ, сертификатсионӣ ва назоратии Сарраёсати байторӣ бо Инспексияи давлатии байторӣ ва сардори Шуъбаи назорати байторию беҳдоштии Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор

карда, дар вазифаи раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи байторони Тоҷикистон» фаъолияташро давом додааст.

Ӯ аз соли 2013 ҳамчун унвонҷӯи озмоишгоҳи беморихои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолияти илмӣ мебарад.

Аз рӯзҳои аввали фаъолияти илмӣ ба ҳайси унвонҷӯ Кашкулоев М.Ш. худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор ва дорои қобилияти хуби тадқиқотӣ нишон дод. Ӯ дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, сатҳи баланди донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ зоҳир намуд.

Кашкулоев М.Ш. мавзуи муҳими илмиро интихоб намуда, ба омӯзиши вазъи эпизоотию эпидемиологии брутселлёз дар байни чорвои калони шохдор ва одамон, ташхиси бармаҳали беморӣ бо усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП), омӯзиши самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз ҳайлҳои 19 ва 82 ва таҳияи чорабиниҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар шароити ВМКБ машғул гардид.

Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 4 боб, хулосаҳо ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи омӯзиши масъала, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба брутселлёз гузаронида шудааст. Муаллиф вазъи муосири омӯзиши брутселлёзро баррасӣ намуда, маълумотҳоро оид ба таърихи омӯзиши беморӣ, хусусиятҳои биологӣ ва эпизоотологии барангезандаҳои он (Brucella spp.), роҳҳои паҳншавӣ, ташхиси озмоишӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди беморӣ ҷамъбаст кардааст. Ҳамчунин, масъалаҳои паҳншавии брутселлёз дар байни ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ ва одамон, аз ҷумла дар минтақаҳои қӯтоспарварӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд.

Дар боби дуюм мавод ва усулҳои тадқиқот муфассал шарҳ дода шудаанд. Дар он хусусиятҳои гузаронидани тадқиқотҳои эпизоотологӣ, серологӣ, бактериологӣ ва молекулавӣ (АЗП), усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи озмоишӣ, инчунин тартиби омӯзиши самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёзи қутосҳо тавсиф шудаанд. Ташкили тадқиқот дар хоҷагиҳои қутоспарварии ВМКБ ва истифодаи усулҳои муосири

ташхис имконият фароҳам овардааст, ки вазъи эпизоотии брутселлёз, самаранокии воситаҳои ташхис ва чорабиниҳои пешгирикунанда ба таври илмӣ арзёбӣ карда шаванд.

Дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқотҳои хусусӣ оид ба омӯзиши вазъи эпизоотию эпидемиологии брутселлёз дар байни чорвои калони шохдор ва аҳолӣ дар ВМКБ ва ҷумҳурии дар солҳои 2010-2024 пешниҳод шудаанд. Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда сатҳи паҳншавии беморӣ дар минтақаҳои тадқиқотӣ муайян гардида, самаранокии усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва молекулавӣ дар ташхис ва ҷудонамудани барангезандаи брутселлёзи қутосҳо арзёбӣ карда шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои омӯзиши самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёзи қутосҳо аз ҳайлҳои 19 ва 82 ба даст оварда шуда, имконияти истифодаи онҳо дар чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби чорум натиҷаҳои тадқиқот ба таври ҳамаҷониба мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифта, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда самтҳои асосии истифодаи амалии натиҷаҳоро инъикос менамоянд.

Нуқтаҳои асосии илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия бо далелҳои боэътимод ва таҳлили амиқи илмӣ тасдиқ гардидаанд. Мазмуни асосии тадқиқот дар гузоришҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои соҳавӣ ва инчунин дар мақолаҳои нашршуда инъикос ёфтааст.

Дар асоси маводи диссертатсионӣ муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Ҳамчунин 3 дастури методӣ таҳия гардидааст, ки аз ҷониби Раёсати Хадамоти назорати давлатии байторию Вазорати кизоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи бехатарии озуқаворию назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, дар хоҷагиҳои чорводорӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Хулоса. Диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2023, №3 ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии

номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои
ветеринарӣ Расулов С.А. _____

«08»06 с.2026

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ хонаи 19/3 ҳуҷраи 31
Тел: (+992) 93-884-61-43; 208-00-03-05
Email: isojonmusojon@mail.ru

Имзои Расулов Сунатулло Абдурасуловичро тасдиқ мекунам.
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Шабнами Раҳимчон _____

Институти тибби ветеринарии АИКТ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи А. Қаҳҳоров 43
Тел: 227-51-92
Email: iveterinari@mail.ru

«08»06 с.2026